## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 6.3.2. –Таърихи фалсафа. Душанбе, 2026. –472 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ба яке аз мавзуҳои актуалии таърихи фалсафа бахшида шудааст. Масъалаи мантиқ, қисми таркибии масъалаи инсон дар фалсафа буда, ҷиҳати дарки ҳастии инсон дар шакли инфиродӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Дар диссертатсияи пешниҳодшуда ҳамин масъала мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз лиҳози мавзуъ диссертатсия ба самти ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд.

Давраи навини давлатдории тоҷикон дар замоне рост меояд, ки дар он аз як тараф раванди бемайлони глобализатсия ва аз тарафи дигар бозиҳои шадиди геополитикӣ, манфиатҷӯӣ, қудратталабӣ, таҳти таъсир қарор додани давлатҳои хурд, хатари воқеии аз байн рафтани баъзе давлатҳо, фарҳангу забонҳо ва ғайра беш аз пеш гардидааст. Дар ин марҳилаи ҳассос давлатдорӣ кардани кишварҳои ҳаҷман хурд дар назди абарқудратҳо ниҳоят кори сангин гардидааст. Барои дар муросо ва мадоро бо абарқудратҳои олам мардум ва хусусан роҳбарони кишварҳои хурдро зарур аст, ки аз як ҷониб илму техникаи пешрафтаи муосирро азхуд намоянд ва аз ҷониби дигар анъанаҳои неки давлатдории ниёкон ва таъриху фарҳанги гузаштаи худро ба хубӣ биомӯзанд ва аз он дар раванди давлатдорӣ ба маврид истифода баранд. Мактаби машшоия ҳам дар рушди фалсафа ва озодандешӣ ва ҳам дар роҳу усулҳои давлатдорӣ кардан дар байни дигар мактабҳои ақлгарои асримиёнагӣ ҷойгоҳи махсусро соҳиб аст. Таҷрибаи илмию фалсафии ин мактаб, бахусус илми мантиқи онро ба риштаи таҳқиқ кашидану анъанаҳои неки онро дар раванди такомули худшиносии миллӣ, эъмор ва рушди давлати соҳибистиқлоламон корбаст намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, аҳамияти мавзуиаш дар он зоҳир мегардад, ки он ба таҳкими масъалаҳои мантиқӣ-маърифатӣ, такмили шинохти

методологии донишҳои илмӣ ва тавзеҳи категорияҳои мантиқӣ дар низоми илмӣ мусоидат мекунад.

Тавре ки муаллифи рисола қайд менамояд мубрамияти таҳқиқ дар он аст, ки "дар муҳити илмию фалсафии муосир ба таҳияи моделҳои нави илмӣ ва фарҳангии фаҳмиши мантиқ, маърифат ва асосҳои ақлонӣ ниёз пеш омадааст. Аз ин рӯ, мероси Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо як анъанаи гузашта, балки захираи муҳим барои тарбияи тафаккури интиқодӣ ва таҳлили илмӣ дар шароити ахлоқиву фарҳангии муосир ба шумор меравад"(С. 5).

Дар шароити имрӯза таҳкими ғояҳои илмӣ, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, зеро танҳо тафаккури илмӣ метавонад аз таҳлилҳои сарсарӣ ва номуназзам ҷилавгирӣ кунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи категорияҳои фалсафӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули тафаккури мантиқӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии диссертатсия аз муҳтавои кори илмӣ маншаъ гирифта, мазмун ва моҳияти диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаъҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавъам буда, аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд.

Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст махсусан нуқтаҳои зерин диққат ҷалбкунандаанд:

- бори аввал исбот шуд, ки таълимоти Форобӣ ва Тусӣ оид ба мақулаи «бурҳон» хусусияти нав ва муқоисавӣ дошта, барои муҳити илмии Тоҷикистон ва кишварҳои пасошуравӣ таҷрибаи тоза маҳсуб мешавад;
- исбот гардид, ки Форобӣ на танҳо масъалагузории мантиқиро дар Шарқ ба роҳ мондааст, балки бо мутобиқсозии мантиқи юнонӣ ба шароити замони худ таҳаввулоти нав ба вуҷуд овардааст;
- бори нахуст нишон дода шуд, ки Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» ҳамаи қисматҳои мантиқро ба таври мураттаб таҳлил намуда, заминаи таҳқиқи муосири мантиқро бо назардошти фалсафаи иҷтимоӣ фароҳам овардааст.

Аз навгониҳои пешниҳодшуда муаллиф чунин нуқтаҳои илмиро хулоса намуда, барои ҳимоя пешниҳод мекунад:

1. Форобӣ дар «Китоб-ул-ҳуруф», «Китоб-ул-қиёс» «Эҳсо-ул-улум» ва «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» истилоҳотро шарҳ дода,

низоми нав пешниҳод намуд. Тусӣ бошад, дар «Асос-ул-иқтибос» ва «Таҷрид-ул-мантиқ» бурҳон ва қиёсро ба таври мукаммал таҳлил кард.

2. Бори аввал ғояҳои мантиқӣ-забоншиносии Форобӣ ва Тусӣ ба таври мустақил таҳлил шуданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки онҳо забонро на танҳо воситаи гуфтор, балки системаи интиқоли маърифат донистаанд.

3. Форобӣ дар асоси анъанаи юнонӣ, вале дар доираи мактаби худӣ, равиши ақлгароиро ташаккул дод, ки барои нахустин бор мафҳуми илм ва мантиқро дар як низоми маърифатӣ ба ҳам пайваст намуд.

4. Дар муҳити илмии фалсафаи тоҷик ва пасошуравӣ бори аввал бурҳон ҳамчун мақулаи марказии низоми мантиқии Форобӣ ва Тусӣ таҳлили муқоисавӣ ва системавӣ ёфт. Ҳарду мутафаккир бурҳонро баландтарин шакли исбот ва воситаи таҳкими маърифати илмӣ мешумориданд. Форобӣ онро бо фалсафа ва ахлоқ пайваст, Тусӣ бошад, бо матолиби илоҳӣ ва калом низ баррасӣ намуд.

5. Форобӣ ҳамчун «Муаллими сонӣ» ва асосгузори илми мантиқ дар Шарқ заминаи аввалини истилоҳоти илмиро гузошт. Ӯ мантиқро бо фарҳанги ҷомеа мутобиқ карда, онро василаи маърифат ва ахлоқ муаррифӣ намуд. Насируддини Тусӣ бошад, бо таҳкими илмӣ ва мураттабсозии назариявӣ мантиқро ба сифати илми мустақил бо тамоми бахшҳояш ташаккул дод.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Бахши хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз мазмуну муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, ҷавобгӯ ба талаботи илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаҳо дар робита ва натиҷагирии бевосита аз боб ва зербобҳои диссертатсия пешниҳод шуда, мантиқӣ ва илмӣ мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия** ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат дошта, аз муқаддима, панҷ боб, сездаҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 476 номгӯйро дар бар гирифта, ҳаҷми умумии диссертатсия 472 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд. Қисмати асосии диссертатсия аз панҷ боб иборат буда, масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии ҷанбаҳои мантиқӣ-маърифатии мавзуъро фаро мегирад.

Дар боби якум, тахти унвони **«Заминаҳои назариявӣ-методологии афкори мантиқию маърифатии АбунасриФоробӣ ва Насируддини Тусӣ»** заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, шароити таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои миёна, ки дар онҳо ҷаҳонбинии илмӣ ва афкори фалсафии ин ду мутафаккири барҷаста шакл гирифтааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Дар давраи аббосиён махсусан, Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон имкониятҳои нави сиёсиву фарҳангиро ба вуҷуд оварданд. Аббосиён тавассути таъсиси китобхонаҳо, расадхонаҳо ва мактабҳои олӣ шароити мусоиди рушду густариши илмҳои динӣ ва дунявиро фароҳам оварданд. Дар ҳамин муҳит Форобӣ имкони густариши донишҳои мантиқӣ ва фалсафиро пайдо кард.

Дар зербоби дуюми боби якум таъсири фалсафаю мантиқи Юнон ба ташаккули афкори Форобӣ ва Тусӣ баррасӣ шудааст. Ба андешаи диссертант маҳз тавассути онҳо илми Юнон аз нестшавӣ наҷот ёфт ва ҳамзамон, ба фалсафаи Машриқзамин рангу мазмуни тоза бахшида, бо либоси нав ба рушди афкори фалсафаи Ғарб ва ҷаҳонӣ таъсиргузор гардид.

Боби дуюм диссертатсия тахти унвони **«Шаклҳои асоситафаккур дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»**, ки аз се зербоб иборат аст, ба таҳлили равандҳои ташаккул ва такомули шаклҳои гуногуни тафаккур бахшида мешавад.

Зербоби аввал, бо унвони **«Хусусиятҳои хоси ташаккули мафҳумҳо ва мақулаҳои илмӣ-мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»**, ба баррасии равандҳои таърихӣ ва назариявии ташаккули мафҳумҳо, истилоҳот ва категорияҳои мантиқӣ бахшида шудааст.

Муаллиф вазифаи асосии мантиқро аз нигоҳи Форобӣ таъбир намуда, чунин мефармояд: "... Мантиқ дар назари ӯ ҳамчун як шарти асосии тафаккури ақлонӣ нақши абзори муҳимро иҷро мекунад, зеро ба андешаи Форобӣ, бидуни абзорҳои мантиқӣ фарқ кардани ҳақ аз ботил ва дуруст аз нодуруст ғайриимкон аст. Дар ҳарду маврид, сухан дар бораи тавоноии ҷудо кардан (тамйиз)-и ин мафҳумҳо меравад ва чунин ҷудосозӣ, гарчанде ки фалсафа, дар маҷмуъ, онро ба вуҷуд оварда бошад ҳам, ба санъати хосе такя мекунад, ки худи фалсафа ба он вобаста аст, яъне мантиқ" (С. 96-97).

Дар ин зербоб Форобӣ ва Тусӣ, зери таъсири Арасту, дар баробари диалектика ва топика, муғолата (софистика) низ мавриди таҳлил қарор додаанд. Эшон монанди Арасту, нисбат ба бурҳонҳои суфастоӣ, ки ҳадафи онҳо гумроҳ кардани инсон аст, муносибати оштинопазир доранд. Ғайр аз он, Онҳо маърифати мантиқиро ба яке аз мақулаҳои асосии мантиқ – қиёс вобаста медонанд. Дар таҳқиқоти ҳарду, қиёс ҳамчун абзоре шарҳ дода мешавад, ки робитаи яқини байни муқаддамот ва хулосаҳоро таъмин месозад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, бо унвони «Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», мақоми хосаи мафҳум ҳамчун шакли асосии тафаккур дар анъанаи мантиқии форсӣ-тоҷикӣ таҳлил мегардад. Аммо дар таълимоти эшон дар таркиббандии мафҳумҳо тафовут вуҷуд дорад. Агар Форобӣ бештар ба раввоқиён пайравӣ намуда, масъалаи мафҳумро ба таври сода ва оммафаҳм баён намояд, таҳқиқоти Тусӣ бошад бештар ба Арасту наздик буда, нишон медиҳад, ки ӯ мавқеи илмии мустақили худро соҳиб аст ва танҳо шореҳ ё пайрав нест.

Дар ин боб – дар зербоби махсус мақоми қазия ҳамчун шакли асосии баёни воқеии тафаккур дар илми мантиқ мавриди таҳлил қарор мегирад. Қазия дар мантиқ мақоми меҳварӣ дошта, робитаи байни мафҳумҳоро тавассути тасдиқ ё инкор ифода намуда, дурустӣ ё нодурустии андешаро муайян месозад.

Дар боби сеюм бо унвони **«Воситаҳои асосии инкишофи дониш дар мероси мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** нақши меҳварии тафаккур ва забон ҳамчун ду падидаи асосии маърифатӣ дар тамоми марҳилаҳои тамаддун мавриди таҳлил қарор мегирад. Ҳар ду мутафаккир ба масъалаи робитаи мантиқ ва забон аҳамияти ҷиддӣ додаанд. Онҳо забонро воситаи муҳим барои ташаккули тафаккур ва маърифат дониста, роҳи дурусти фикррон ӣ ва шаклҳои мантиқиро бар асоси он муайян кардаанд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – «**Нақши қиёс ва айнияту тафовути он дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ**», қиёс ҳамчун воситаи муҳими хулосабарорӣ ва шинохти ақлӣ баррасӣ мешавад.

Дар таълимоти мантиқи хеш Форобӣ ва Тӯсӣ ба пешгузаштагони хеш – Арасту ва Ибни Сино такя секунанд. Қиёси арастуӣ аз се ҳукм иборат аст (ду муқаддима ва як хулоса), дар ҳоле ки қиёси ҳиндӣ панҷ

ҳукм дорад. Арасту муқаддамотро ба шакли хос («В – А аст») ифода карда, бо истилоҳи миёна онҳоро мепайвандад.

Форобӣ мафҳуми қиёсро маънидод намуда, онро чун «чен кардан, муқоисна мудан ва хулосабарорӣ» шарҳ медиҳад. Форобӣ қиёсро ба ду навъ ҷудо мекунад: иқтиронӣ ва истисноӣ. Ба андешаи ӯ, қиёси иқтиронӣ ҳангоми пайвастани қазияҳо бо ҳам шакл мегирад ва дар он ҳам умумият ва ҳам фарқият вуҷуд дорад. Дар таркиби қиёс ду қазия «муқаддама» номида мешаванд ва қазияи сеюм, ки аз онҳо бармеояд, натиҷа ё хулоса аст.

Аз таҳлили муқоисавӣ оид ба назарияи қиёс диссертант чунин хулосабарорӣ мекунад, ки “ҳар ду мутафаккир тавонистаанд ин мафҳуми бунёдиро на танҳо ҳамчун воситаи мантиқии истихроҷи хулоса, балки ҳамчун василаи маърифат арзёбӣ ва ташхиси ҳақиқатро дар зеҳни инсон матраҳ созанд. Форобӣ бо ҷорӣ намудани истилоҳоти дақиқ ва таркиби дурусту усулманди қиёс заминаи аслии мантиқшиносии Шарқро гузошт. Тусӣ бошад, бо таҳлили шаклҳо, зарбҳо ва намунаҳои васеи хулосабарорӣ ин низомро ба як дастури амалӣ табдил дод” (с. 224-225). Ғайр аз он эшон такя ба манобеи маърифат – аз мақбулоту маҳсусот то машҳуроту мазнунот ва ғайра нишон доданд, ки илми мантиқ на танҳо илми абстрактӣ, балки воситаи таълимӣ, иҷтимоӣ ва фалсафист.

Зербоби сеюми боби сеюм – **«Вижагиҳои хоси назарияи бурҳон дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** унвон дошта, дар он назарияи бурҳон, дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ба гуфтаи Фороби, танҳо чаҳор модуси шакли аввал (Barbara, Darii, Celarent, Ferio) комил ва худбахуданд, зеро тавассути онҳо ҳамаи навъҳои қазия исбот мешаванд: Барои модусҳои шакли дуюм ва сеюм бошад, Форобӣ бештар аз усули акси муқаддимаҳо истифода мекунад. Ба андешаи ӯ, амали акс яке аз роҳҳои асосии табдили қиёс ба шакли аввал ва таъмини дурустии натиҷа аст.

Бо вуҷуди ин, ӯ танҳо ба ин усул маҳдуд нашуда, аз роҳҳои дигар низ истифода мебарад, аз ҷумла:

- исботи хулф (баръакс исбот кардан);
- ба абсурд бурдан (нишон додани бемаъноии фарзҳои мухолиф);
- муҳокимаронӣ (тартиби мантиқии андешаҳо барои гирифтани хулоса);
- ҷудокунӣ (тақсими мафҳумҳо ва таҳлили онҳо).

Тусӣ қавлҳои ҷозимаро, ки дар илм ва баҳсу мунозира истифода мешаванд, ба панҷ қисм ҷудо кардааст. Дар мантиқ инҳоро саноати панҷгона меноманд, ки ба панҷ асари Арасту мутобиқанд: «Ал-қиёс», «Ҷадал», «Хитоба», «Муғолата» (ё «Суфистиқо») ва «Шеър» (ё «Поэтика»). Форобӣ низ ба шаклҳои гуногун ҳаминро баён кардааст.

Тибқи назари Тусӣ ду навъи дигари истидлол – истиқроъ ва тамсил худ ба худ муфиди яқин нестанд. "Ҳарчанд ӯ дар масоили қиёс ва бурҳон пайрави Арасту бошад ҳам, назарҳои Форобиро низ такмил дода, онҳоро дар сатҳи баландтар рушд додааст. .. Тусӣ борҳо таъкид мекунад, ки фақат тавассути қиёси бурҳонӣ ва ба тариқи иктисобӣ дар илм мақоми устувор пайдо кардан мумкин аст, зеро танҳо тавассути чунин қиёсҳо донишҳои ҳақиқӣ ҳосил мегарданд" (С. 235).

Дар «Асос-ул-иқтибос» Тусӣ маводи панҷ навъи қиёсро низ табақабандӣ мекунад: бурҳонӣ, ҷадалӣ, хитобӣ, муғолата ва шеърӣ. Нахуст, тахайюл ҳамчун заминаи шеър, сипас, тарҷеҳ (хитоба), тарвиҷ (муғолата), тақсим (ҷадал) ва дар охир бурҳон оварда мешавад. Дар ин ҷо Тӯсӣ ҳушдор медиҳад, ки маводҳои бурҳонӣ бояд соф нигоҳ дошта шаванд ва набояд бо бо маводи чаҳор соҳаи дигар омехта гардад. Дар навбати худ

Тусӣ андешаҳои Арасту ва машшоиёнро мавриди танқид қарор дода, таъкид менамояд, ки қиёс бе истифодаи саноати панҷгона вазифаи худро дуруст иҷро карда наметавонад. Ғайр аз он Ӯ низоми мукаммали табақабандии муқаддимаҳоро пешниҳод карда, нишон медиҳад, ки ҳар кадоме аз онҳо дар шароити муайян ба яке аз шонздаҳ мабодии қиёс табдил меёбанд.

Аз ин ҷо диссертант хулоса мекунад, ки Форобӣ, Ибни Сино ва Тусӣ дар таҳқиқи мабодии қиёсҳо қадам ба қадам низомро такмил додаанд: Форобӣ бо таснифи чоргона, Ибни Сино бо густариши сездаҳгона ва Тусӣ бо низоми мукаммали шонздаҳгона.

Форобӣ, Ибни Сино ва Тусӣ дар таҳқиқи мабодии қиёсҳо қадам ба қадам низомро такмил додаанд: Форобӣ бо таснифи чоргона, Ибни Сино бо густариши сездаҳгона ва Тусӣ бо низоми мукаммали шонздаҳгона.

Афкори таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусиро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла менависад: "... Бурҳон дар фикрронӣ ва шинохти илмӣ на танҳо воситаи асосии исбот, балки рукни бунёдии мантиқ ва маърифатшиносӣ ба шумор меравад" (С. 251).

Дар боби чаҳорум – **«Ташаккули маърифати мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ки яке аз бахшҳои муҳими диссертатсия маҳсуб мешавад, дар он масъалаҳои меҳварии ташаккул ва инкишофи донишҳои мантиқӣ дар зербобҳои якуму дуюм мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин боб махсусан зербоби саввум **Маърифати ақлӣ (мантиқӣ) ва таҳлили он дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** диққатҷалбкунанда аст. Дар он ҷо мақоми ақл ва вазифаҳои моҳиятии он барраисӣ шудаанд. Аз фумла омадааст, ки усулҳои маърифати ақлонӣ ба он марбутанд, ки инсон чӣ гуна фикр мекунад, дарк менамояд, хотирро ҳифз мекунад ва онро идора месозад. Воситаи асосии ин раванд худи ақл аст, ки дар фалсафа мақоми калидӣ дошта. Усулҳои маърифати ақлонӣ ба он марбутанд, ки инсон чӣ гуна фикр мекунад, дарк менамояд, хотирро ҳифз мекунад ва онро идора месозад. Воситаи асосии ин раванд худи ақл аст, ки дар фалсафа мақоми калидӣ дошта ва он дорои чор дараҷаи ақлро доро мебошад:

1. Ақли ба қувва – қувваи қобилиятдорест, ки омода аст моҳият ва суратҳои ашёро аз модда таҷрид кунад;

2. Ақли ба феъл – марҳилаест, ки дар он маъқулот дар зеҳн воқеан таҷассум меёбанд;

3. Ақли мустафод – натиҷаи дарки маъқулот аз ҷониби ақли ба феъл аст, ки ба худи ҷавҳари маъқулот табдил меёбад;

4. Ақли фоил – марҳилаи комил ва феълии ақл, ки маърифати воқеиро таъмин менамояд.

Дар боби панҷуми диссертатсия бо унвони **«Нақши мантиқ ҳамчун методологияи маърифати олам ва шинохти ҳақиқат дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** масъалаи Консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, баррасӣ шудааст. Мафҳуми ҳақиқат дар андешаҳои ин ду мутафаккир на танҳо дар чаҳорчӯбаи мантиқ, балки дар метафизика, кайҳоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Хулосаи** Сулаймонов Б.С. аз 12 банд иборат буда, моҳият ва мазмуни диссертатсияро фаро мегиранд. Дар он таҳлили осори фалсафӣ-мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон дода шуда, таъсири амиқи афкори Юнони бостон, бахусус таълимоти Арасту, дар ташаккули низоми масоили мантиқӣ ва маърифатии онҳо ҷойгоҳи муҳим дорад. Ҳамчунин афкору назарияҳои Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар масъалаҳои: низоми мукаммали шарқии мантиқ, модели

ҳамгироии мантиқ ва забон, таснифи илмҳо дар осори Форобӣ ва Тусӣ, мавқеи меҳварии мафҳум (лафз), мақоми қазия ва робитаи он бо қиёс, назарияи қиёс ҳамчун абзори асосии маърифат, мафҳуми бурҳон чун пояи исбот ва воситаи дарки илмии ҳақиқат, маърифат чун роҳи камоли ахлоқӣ ва саодати ақлонӣ, назарияи маърифати ҳиссӣ ва масоили инъикос, мантиқ чун воситаи такомули фикр ва заминаи усулӣ барои шинохти ҳақиқат ва рушди маърифат, мантиқ чун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти муосир дар фалсафа, маориф, фарҳанг ва идоракунии иҷтимоӣ ва ғайра ишора гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия** аз он иборат аст, ки метавон бештари нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро дар соҳаҳои гуногуни илм, монанди таърихи фалсафа, антропология, сотсиология, диншиносӣ, психология, ахлоқу зебоишиносӣ истифода намуд. Инчунин нуктаҳои муҳими диссертатсияро метавон дар барномаҳои таълимӣ, лексияҳо ва курсҳои махсус баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва пешгирии хатару таҳдидҳои равияву ҷараёнҳои ифротроӣ истифода намуд, ки онҳо дар асоси тафаккури илмӣ роҳандозӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаи диссертатсия дар монографияю китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ инъикос ёфта, инчунин мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақолаҳои дигар дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расидааст, ки муҳтавои диссертатсияро пурра мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ба талаботи шиносномаи тахассуси 6.3.2. – Таърихи фалсафа ва ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст мутобиқат мекунад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст ва дорои аҳамияти муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат**, ки муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои асосии диссерататсияро инъикос менамояд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе ҳолатҳои баҳсталаб, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар рисола омадааст, ки "муҳити илмии фарҳангистони «Байт-ул-ҳикма» дар ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатию фалсафии мутафаккирони асримиёнагӣ, аз ҷумла, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нақши асосӣ бозидааст". Тавре ки маълум аст Форобӣ дар мадрасаи Бухоро таълим гирифтааст. Ба забони форсии дарӣ шеърҳо эҷод намудааст. Дар Бухоро низ, ба мисли «Байт-ул-ҳикма», марказҳои бузурги фалсафӣ кору фаъолият доштанд. Муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба мактаби Шарқӣ, ки дар Бухоро таъсис ёфта буд, маълумотҳои муфид пешкаш намудаанд. Яке аз намояндагони шаҳири он Ибни Сино буд, ки асари хешро "Ҳикмати машриқия"ро ба ин мактаб бахшидааст. Аз рӯи ҳақиқат мебуд агар доир ба таъсири ин мактаб ба ҷаҳонбинии илмӣ ва фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ зербоби алоҳида пешкаш менамудед.

2. Дар диссертатсия боби якум **«Заминаҳои назариявӣ-методологии афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** номгузорӣ шудааст, ки он андаке ба мӯҳтавои зербобҳои он мутобиқат намекунад. Беҳтар мебуд агар он таҳти унвони **" Манбаъҳои ғоявии ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ"** таҳия мегардид.

3. Боби дуюми диссертатсия бошад бо номи "**Шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ**" муаррифӣ гардидааст, ки мантиқан ба мазмуни ин боб зербоби дуввум мутобиқат мекунад.

4. Хуб мебуд агар байни мантиқи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, аз як тараф, ва намудҳои дигари мантиқи гузашта ва муосир, аз ҷумла мантиқи математикӣ, мантиқи квантӣ ва мантиқи диалектикӣ ва ё мантиқи Раймунд Луллий бо номи "мантиқи кашфиёт", чун иловаи "мантиқи бурҳонӣ" – аз тарафи дигар, таҳлили муқоисавӣ гузаронида

шуда, мақом ва нақши он дар низоми табақабандии илмҳо муайян мегардид.

**Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда**, ба таври умумӣ аҳамияти назариюамалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад. Новобаста ба камбудиҳо диссертатсия ба таҳлили амиқи масъалаҳои мантиқӣ-маърифатии фалсафӣ равона шуда, ба дарки системавии тафакури илмӣ мусоидат мекунад ва аз рӯи методологияи хоси худ ба талаботи тадқиқоти доктори илмҳо пурра ҷавобгӯ мебошад. Ин равиш пояи назариявӣ-амалии диссертатсияро мустаҳкам мекунад ва барои рушди илми фалсафаи муосири тоҷик арзиши илмии зиёдро зам мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи М.С. Осимӣ** **Раҳимов М.Ҳ.**
_26_ _02_ соли 2026

**Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ, бинои 23/16, утоқи 22
Тел.: (+992) _918827393
E-mail:Rakhimov55@mail.ru

Имзои **профессор М. Ҳ. Раҳимовро** тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи М.С.Осимӣ **Қодирзода Н.Ҳ.**

**Суроғаи муассиса**: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони академик Раҷабовҳо, 10
Тел.: (+992-37) 221-35-11
E-mail: info@ttu.tj; WWW. @ttu.tj
_27_ _феврали_ соли 2026.